# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Диловар Қосим дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шартномаи иҷораи бино ва иншоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст (шаҳри Душанбе, 2026. – 42 саҳ).**

Ҷойгоҳ ва аҳамияти шартномаи иҷораи молу мулки ғайриманқул дар низоми муносибатҳои иқтисодии муосир имрӯз мубрамияти худро касб намудааст. Мубрамияти шартномаи иҷораи молу мулки ғайриманқул, махсусан шартномаи иҷораи бино ва иншоот дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ ва густариши муносибатҳои маданӣ аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад. Иҷораи молу мулки ғайриманқул, аз ҷумла бино ва иншоот, яке аз шаклҳои асосии истифодаи самараноки моликият ба ҳисоб рафта, барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмини талаботи иҷтимоии ҷомеа нақши муҳим мебозад. Дар чунин шароит, на ҳама субъектҳои иқтисодӣ имконияти харидории бино ё иншоотро доранд, аз ин рӯ, истифодаи онҳо дар асоси шартномаи иҷора ба як воситаи дастрас ва самаранок табдил меёбад.

Аз нуқтаи назари илмӣ, омӯзиши шартномаи иҷораи бино ва иншоот барои такмили низоми ҳуқуқии танзими муносибатҳои молу мулкӣ аҳамияти калон дорад. Ин намуди шартнома имкон медиҳад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо – иҷорадеҳ ва иҷорагир ба таври дақиқ муайян гардида, манфиатҳои онҳо ҳифз карда шаванд. Ҳамзамон, мавҷудияти меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқӣ барои пешгирии баҳсҳо ва таъмини суботи муносибатҳои шартномавӣ мусоидат менамояд.

Мубрамияти масъала инчунин дар он ифода меёбад, ки дар амалия аксар вақт мушкилоти гуногун, аз қабили номукаммал будани баъзе меъёрҳои қонунгузорӣ, баҳсҳо оид ба истифода ва нигоҳдории бино, масъалаҳои пардохти иҷора ва тартиби бекор кардани шартнома ба миён меоянд. Ин

ҳолат зарурати таҳқиқи амиқи илмӣ ва пешниҳоди роҳҳои такмил додани қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкуниро ба миён мегузорад.

Илова бар ин, аҳамияти иҷтимоии шартномаи иҷораи бино ва иншоот низ назаррас мебошад. Тавассути чунин муносибатҳо рушди инфрасохтор, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои гуногун таъмин мегардад. Аз ин лиҳоз, шартномаи иҷора на танҳо як воситаи ҳуқуқӣ, балки омили муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмӯъ, мубрамияти шартномаи иҷораи бино ва иншоот дар зарурати танзими самараноки муносибатҳои молу мулкӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо ва мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба талаботи замони муосир ифода меёбад. Дар иртибот ба ин, таҳқиқ ва таҳлили имлии мавзуи мазкур аз аҳамият холӣ набуда, коркарди механизмҳои илман асосноки татбиқи падидаи иҷораи бино ва иншоот, ҳамзамон такмили қонунгузории соҳавӣ дар ин самт аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

Боиси таъкид аст, ки мавзуи мазкур дар доираи илми ҳуқуқи маданӣ ҳамчун як таҳқиқоти мустақил, фарогир ва аз лиҳози илмӣ мукаммал арзёбӣ мегардад. Саҳми инфиродии довталаб дар таҳия ва такмили рисола назаррасу қобили таваҷҷуҳ мебошад. Зеро, бо дарназардошти мураккабӣ, гуногунпаҳлӯӣ ва ҳамзамон хусусияти амалӣ ва таҷрибавии мавзуи мавриди баррасӣ, диссертант тавонистааст бо сатҳи баланди касбӣ ва илмӣ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои пешгузоштаи худ ноил гардида, таҳқиқоти диссертатсионии худро бо натиҷаҳои асоснок ва арзишманд ба анҷом расонад.

Сохтори автореферати тақризшаванда аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, маводди илмӣ бо низоми муайяни мантиқӣ оварда шудаанд ва мақсаду ҳадафҳои таҳқиқот дар он инъикос ёфтааст. Автореферат бо дарназардошти талаботи муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2021, тахти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) таҳия гардидааст.

Омӯзиши автореферати диссертатсияи Раҳимзода Д.Қ. нишон медиҳад, ки ҳамаи унсурҳои муқарраргардида дар сатҳи зарурӣ риоя гардидаанд. Бештар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида диққати хонандаро метавонад ба худ ҷалб намоянд, зеро муаллиф тавонистааст, ки дастовардҳои таҳқиқоти худро ба таври мушаххас ва возеҳ пешниҳод намуда, нисбат ба онҳо хулоса ва пешниҳодҳои дахлдори худро манзур созад. Хулоса ва пешниҳодҳои дар доираи таҳқиқоти мазкур баёнгардида бо такя ба асосҳои муътамади илмӣ таҳия гардида, дорои арзиши назариявии баланд буда, ҳамзамон аз ҷиҳати аҳамияти амалӣ фарогири масъалаҳои муҳими дорои хусусияти татбиқӣ маҳсуб меёбанд.

Бо дарназардошти ин, авторефератро тибқи талабот таҳиягардида ва таҳқиқоти диссертатсионии диссертант Раҳимзода Диловар Қосимро таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта арзёбӣ намудан мумкин аст. Вале ба ин муқаффақиятҳои нигоҳ накарда, аз мазмуни автореферата диссертатсияи маълум мегардад, ки дар баъзе мавридҳо такрори фикрҳо ва тавзеҳоти нисбатан фарох ба назар мерасад, ки ихтисор ва таҳрири услубӣ метавонад онро боз ҳам мукаммалтар гардонад. Эроди мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, метавонад ба такмил ва пурра гардидани таҳқиқот мусоидат намояд.

Зикр намудан зарур аст, ки диссертатсияи Раҳимзода Диловар Қосим дар фазои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аввалин таҳқиқоти илмии комил ва алоҳида вобаста ба танзими ҳуқуқии шартномаи иҷораи бино ва иншоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон он мебошад. Вобаста ба ин, натиҷаҳои аз он ба даст омадаро мусбӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Раҳимзода Диловар Қосим ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос намуда, маводҳои илмӣ пай дар пай матраҳ гардида, нисбат ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода

шудааст, ки шоистаи дастгирист. Мазмуни автореферати диссертатсияи Раҳимзода Диловар Қосим шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқшуда дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ, нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда**:
мудири кафедраи ҳуқуқи мадании
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Носиров Х.Т.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. И.Сомонӣ
кучаи М.Турсунзода 30
**Тел.:** (+992)2276740
**E-mail:** netlawyer@list.ru

Имзои Носиров Х.Т.-ро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳои ДСРТ Исмоилова М.Н.

«16» 04 2026 с.

**Суроға муассиса:** 734025, Чумхурии Точдкистстон,
ш. Душанбе, куч. М. Турсунзода, 30
Тел. (+992 237) 221-35-50;
Факс.: (+992 237) 221-05-70
E-mail: p.rektora@mail.ru
www.rtsu.tj.ru